**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**д.и.и. ____________ Хушвахтзода Қ.Ҳ.**
**“___” ____________________2020**

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

## Факултети журналистика

Диссертатсияи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» дар кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ аспирант Охунзода Насруддин дар кафедраи матбуот ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Роҳбари илмӣ – Муродов Мурод Бердиевич, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар соли 2019 дода шудааст.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Диссертатсия дар асоси талаботи кори илмӣ навишта шудааст. Дар диссертатсия тасвири корнамоиҳои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар кишвар дигаргуниҳои азим ва тақдирсозе ба вуҷуд омаданд. Кандани нақбҳо, бунёду тармими роҳҳо, сохтмони иншооти азим, ба кор даровардани неругоҳҳои барқи обӣ, ба шароити замони муосир мувофиқ гардонидани вазъи муассисаҳои таълимӣ аз маҷмӯи ободкориҳое мебошанд, ки дар умум, ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шудаанд. Дар сарҳати рушду созандагӣ ва ободкориҳо дар мамлакат хидматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид ва эътироф мешавад. Нақши ин шахсият дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон ва бунёди Тоҷикистони нав басо бузург ва нотакрор аст. Сиёсати давлатдорӣ,

услуби роҳбарӣ, хислати мардумшиносӣ, инсондӯстӣ ва некхоҳии ӯ на танҳо дар ВАО, балки дар публитсистикаи китобиву адабиёти бадеӣ низ таҷассум ёфта, арҷгузорӣ шудааст. Аз ҷумла, дар асарҳои публитсистии «Нақби Истиқлол», «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон», маҷмӯаҳои «Пешво – ифтихори миллат», «Бахтофарин» ва ғайра корнамоиҳои бемисли Эмомалӣ Раҳмон инъикосу тасвир шудааст, ки барои пажӯҳиши мавзӯъ манбаи боэътимод мебошанд.

Омӯзиш ва пажӯҳиши ин асарҳо танҳо ба хотири шинохти маърифати публитсистии корнамоиҳои Пешвои миллат ва нишон додани қобилияту маҳорати муаллифони алоҳида набуда, балки барои ба низоми илмӣ даровардани сабақҳои касбии публитсистикаи муосир ва таъсири он ба наслҳои оянда низ мебошад.

Мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» аз нигоҳи илмӣ нав буда, пажӯҳиши он аз аҳаммияти назариву амалӣ бархӯрдор аст. Дар натиҷаи пажӯҳиш, аз як тараф, корнамоиҳои Пешвои миллат бозгӯ мешавад, аз ҷониби дигар, ҷанбаҳои публитсистӣ ва ҳунари нигорандагию образофарии публитсистон дар осори марбути мавзӯъ муайян гардидааст.

Мақсади асосии диссертатсия муайян намудани нақши публитсистика дар тасвири корномаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин васила, нишон додани ҷанбаҳои ҳунарии осори марбут ба мавзӯъ мебошад.

Дар заминаи пажӯҳиш ва ҷустуҷӯҳои илмӣ вазифаҳои зерин иҷро гардидаанд:

– осори публитсистӣ доир ба Пешвои миллат тавсифи мухтасар шудааст;

– заминаҳои таърихии ташаккули образи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ гардидаанд;

– тасвири симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ бо усули муқоиса нишон дода шудааст;

– вижагиҳои тасвири корномаҳои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ муайян карда шудааст;

– ташаббус ва иқдомҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, истиқлолияти миллӣ ва ғайра таҳлил гардидаанд;

– таносуби воқеият ва бадеият дар осори публитсистии марбут ба Пешвои миллат муайян карда шудааст;

– имконоти жанрҳои публитсистӣ ва ҳунари муаллифон дар офаридани симои шахсияти таърихӣ нишон дода шудааст;

–воқеияти иҷтимоӣ ва нақши аносири ҳунарӣ дар тасвири образи инсони воқеӣ таносубан баррасӣ гардидаанд;

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки дар он бори аввал тасвири шахсият ва симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода шудааст. Мавзӯи мазкур ба омӯзиши инъикоси симои шахси бунёдкор ва сиёсатмадори варзида дар осори публитсистӣ мушаххас шуда, дар он аз як тараф, вижагиҳои чунин осор, аз сӯйи дигар, ташаккули шахсияти таърихӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, муаллиф дар пажӯҳиш ба масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистика, нақш ва корбасти аносири жанрҳо дар инъикоси мавзӯъ низ эътибор додааст, ки хусусияти навгонӣ дорад.

Диссертатсия донишҳои назарии публитсистикашиносиро нисбатан пурра намуда, ҳангоми навиштани мақолаҳо ва таълифи рисолаҳои илмӣ дар бораи корнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамзамон, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба таҳаввул ва инкишофи публитсистика дар замони муосир, муносибати публитсистон ба воқеияти иҷтимоӣ, баррасии ҷанбаҳои сотсиологӣ, маърифатӣ ва ҳунарии публитсистика метавонад мавриди истифода қарор гирад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар амал барои таълими фанҳои тахассусии журналистика ва публитсистикашиносӣ, таҳлили матни публитсистӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, омода намудани

курси лексияҳо ва семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олӣ метавонанд истифода шаванд. Ҳамчунин, маводи диссертатсия барои журналистону публитсистон дар раванди фаъолияти касбӣ хизмат мерасонад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2015-2019) баён гаштаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар 16 мақолаи муаллиф инъикос гардидааст, ки аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида ба табъ расидааст.

1. Охунзода, Н. Симои Пешвои миллат дар ду асари публитсистӣ / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 299-303.

2. Охунзода, Н. Заминаҳои таърихии ташаккули образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №5 (72), – С. 179-183.

3. Охунзода, Н. Иқдомҳои бунёдкории Пешвои миллат дар “Нақби Истиқлол” / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 1. – С. 307-311.

4. Охунзода, Н. Нақши сулҳофарии Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №1 (78). – С.234-239.

5. Охунзода, Н. Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар “Мардистон”-и Шералӣ Мӯсо / Н. Охунзода // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академи Б. Ғафуров (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Хуҷанд, 2019. – № 1 (58). – С. 106-111.

Диссертатсияи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”–18 нафар, “зид” ва “бетараф” нест.

Қарори №2, аз 19 октябри соли 2019.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи матбуот, дотсент **Усмонова Н. К.**

Котиб, дотсент **Бозорзода Н. Ш.**

“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj
тел: (+992) 8342264715